**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С. ______________
«25»______12______ соли 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Султонзода Шоҳкарим Султон унвонҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Султонзода Шоҳкарим Султон соли 2012 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ихтисоси ҳуқуқшиноси умумӣ дохил шуда, онро соли 2017 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиноси умумӣ хатм намудааст.

Аз соли 2017 ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон то ба ҳол фаъолият намуда истодааст.

Номбурда бо фармоиши ректор аз 25.04.2018, №180-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шуда, онро 19.02.2024, №63-05-05 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносӣ 08-уми июни соли 2018, суратмаҷлиси №10 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ –** Мирзоода П.З. доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 19 декабри соли 2025, №118 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Султонзода Шоҳкарим Султон дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 20 декабри соли 2025 №5 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас азислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», чунин хулоса қабул карда шуд:

**1.** Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия. Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилали хусусии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шудааст.

**2.** Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» алоқаманд мебошад.

**3.** Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он. Натиҷаҳо, хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия баён шудаанд, дар 2 воситаи таълимӣ ва 15 мақолаи илмӣ нашр гардидаанд. Аз инҳо 4 мақола дар маҷаллаҳое, ки ба феҳристи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохиланд, чоп шудааст. Мақолаҳои нашргардидида фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**4.** Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо. Ин таҳқиқот барои мақомоти давлатӣ, ки танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкориро дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард ба роҳ мемонанд ва барои субъектҳои хоҷагидоре, ки бевосита дар ин фаъолияти соҳибкорӣ ширкат меварзанд, арзиши илмӣ ва амалӣ дорад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми такмили қонунгузории маданӣ ва соҳибкорӣ, инчунин дар амалияи судии судҳои иқтисодӣ ва судҳои умумии Тоҷикистон истифода шаванд.

Илова бар ин, баъзе муқаррароти диссертатсия метавонанд ҳамчун асос барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ,

инчунин омӯзиши механизмҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ хизмат кунанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот инчунин дар истифодаи он дар раванди таълим, хусусан ҳангоми таълими фанҳои «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ» ва дар доираи курсҳои махсус дар факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олӣ зоҳир мешавад.

**5.** Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ғайра арзёбӣ мегарданд. Диссертатсияи Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Навгонии кор аз он иборат аст, ки то имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард мавзуи омӯзиши муфассали монографӣ набуданд, ки ин таҳлилро саҳми муҳим дар рушди илми ҳуқуқшиносӣ мегардонад. Масалан:

1. Муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши бунёди роҳҳои автомобилгард маҷмӯи робитаҳои ҷамъиятиянд, ки дар натиҷаи сабти давлатӣ, идоракунӣ ва назорати фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ шакл мегиранд. Ин равандҳо баҳри сохтмони босифати роҳҳо дар минтақаҳои дорои релефи печида, истифодаи мақсадноки қитъаҳои замин, ҳифзи саломатии аҳолӣ ва ҳамчунин ҷараёни татбиқи корҳои соҳибкорӣ, аз қабили омодагии геодезӣ бо истифода аз аксбардории топографӣ, омӯзиши сохтори релеф, хок, ковокиҳои замин ва манбаъҳои об дар он минтақа нигаронида шудаанд. Ин муносибатҳо пайдо мешаванд, тағйир меёбанд ва дар ҳолатҳои муайян хотима меёбанд.

2. Муносибатҳои соҳибкорӣ дар ин соҳа дорои вижагиҳои хосанд: а) ин муносибатҳо дар ҷараёни гирифтани иҷозатномаҳо ташаккул меёбанд; б) пойбандӣ ба шартҳои иҷозатнома заминаи асосии фаъолиятро ташкил медиҳад, аз ин рӯ, мақомоти давлатӣ пайваста ва бемайлон иҷрои онҳоро зери назар доранд; в) ин муносибатҳо дар заминаи моликияти истисноии давлат ба вуҷуд меоянд; г) масъулияти соҳибкор дар ин робитаҳо ҳатто пас аз анҷоми кор ва қабули он аз ҷониби фармоишгар барои муддати дароз боқӣ мемонад; д) ин муносибатҳо аз лиҳози иқтисодӣ ва стратегӣ аҳамияти бузург доранд.

3. Танзими давлатӣ дар бахши муносибатҳои соҳибкорӣ марбут ба бунёди роҳҳои автомобилгард як маҷмӯи тадбирҳои ҳуқуқиест, ки хусусияти иҷроӣ, ҳавасмандсозӣ ва назоратиро дар бар гирифта, баҳри расидан ба ҳадафҳои дурнамои стратегӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ нигаронида шудааст. Ин раванд аз

тарафи ниҳодҳои давлатии масъул нисбат ба субъектҳои соҳибкорӣ татбиқ мегардад.

Ин низоми идоракунӣ дорои хусусиятҳои зерин аст: а) идоракунии давлатӣ дар ин соҳа маънои дахолати мақсадноки давлатро ба муносибатҳои соҳибкорӣ дорад, ки ин дахолат дар чаҳорчӯби муқаррароти қонунӣ аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор амалӣ мешавад; б) мавзуи ин идоракунӣ муносибатҳоеанд, ки ба омӯзиши қитъаҳои замин ва ҳадафи баланд бардоштани самаранокии роҳҳои автомобилгард пайвананд; в) бар хилофи дигар намудҳои таъсиррасонии давлатӣ, идоракунии муносибатҳои соҳибкорӣ дар ин бахш ба он субъектҳое нигаронида шудааст, ки бо моликияти истисноии давлат, яъне замин, сарукор доранд.

Диссертатсияи Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима 3 боб 7 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 2 воситаи таълимӣ ва 15 мақолаи илмӣ нашр гардидаанд. Аз инҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои баррасишавандае, ки ба феҳристи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохиланд, чоп шудааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 22,18 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

**I. Монография ва маҷмуаи таълимӣ-методӣ**

**[1-М].** Sanginov, D.Sh., Shabonov Sh.S. Business law [Text]: Text lecture / D.Sh. Sanginov, Sh.S. Shabonov. – Dushanbe: «TNU publishing house», 2020.– 131 p.

**[2-М].** Mirzozoda, P.Z., Shabonov Sh.S. Financial and tax law of the Republic of Tajikistan [Text]: Text lecture / P.Z. Mirzozoda, Sh.S. Shabonov. – Dushanbe: «TNU publishing house», 2025. – 134 p.

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[3-М].** Шабонов, Ш.С. Табиати ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард ҳамчун объекти ҳуқуқ [Матн] / Ш.С. Шабонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / – 2019. - №6. – С. 205-208; ISSN 2413-5151

**[4-М].** Шабонов, Ш.С. Танзими ҳуқуқии базе масъалаҳои гардишпазирии роҳҳои автомобилгард [Матн] / Ш.С. Шабонов // Маҷаллаи илмӣ-амалӣ давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. - № 4 (28). – С. 176-181; ISSN 2414-9217

**[5-М].** Шабонов, Ш.С.. Нақши шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард [Матн] / Ш.С. Шабонов // Маҷаллаи илмӣ-амалӣ давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. - № 4. – С. 153-160; ISSN 2414-9217

**[6-М].** Мирзозода, П.З., Шабонов Ш.С. Тавсифи умумии иштирокчиёни шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ [Матн] / П.З. Мирзозода, Ш.С. Шабонов // Маҷаллаи илмӣ-амалӣ давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. - №1. – С. 147-156. ISSN 2414-9217

**III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[7-М].** Шабонов, Ш.С. Танзими ҳуқуқии роҳҳои автомобилгарди пулакӣ дар Тоҷикистон ва ҷаҳон [Матн] / Ш.С. Шабонов // Маҷаллаи илмӣ-амалӣ давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2018. – Т. 12. – № 4. – С. 113-118.

**[8-М].** Шабонов, Ш.С. Таърихи пайдоиши роҳҳои автомобилгард дар Тоҷикистон [Матн] / Ш.С. Шабонов // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ 2019-2021) ва «400-солагии Миробид Сайидо Насафӣ». – Душанбе: «Матбаи ДМТ», 2019. – С. 133-136.

**[9-М].** Шабонов, Ш.С. Сохтмони роҳҳои автомобилгард ҳамчун объекти танзими ҳуқуқӣ [Матн] / Ш.С. Шабонов // Дар маҷмуа доир ба «Масъалаҳои муносибкунии танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар бахши соҳибкорӣ» Бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 40 солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – Душанбе – 2021. – С. 182-187.

**[10-М].** Шабонов, Ш.С. Проблемы экономической безопасности страны страны в условиях глобализации [Матн] / Ш.С. Шабонов // Материалы XIII Евразийского экономического форума молодежи. Том 2. Уральский государственный экономический университет. – Екатеринбург. – 2023. – С. 245-246.

**[11-М].** Шабонов, Ш.С. Государственное регулирование предпринимательской деятельности в сфере строительство автомобильных дорог [Матн] / Ш.С. Шабонов // XI Международная научно-практическая конференция «Национальная правовая система Республики Таджикистан и

стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития». – Душанбе, – 2023. – С. 107-111.

**[12-М].** Шабонов, Ш.С. Танзими ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард ҳамчун объекти ҳуқуқ [Матн] / Ш.С. Шабонов // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон», «115 – солагии академик Бобоҷон Ғафуров, «Соли 2023- соли забони русӣ» ва «соли 2025-Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо». – Душанбе, 2023. – С. 115-120.

**[13-М].** Шабонов, Ш.С. Ҳуқуқи моликият ба роҳҳои автомобилгард тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Ш.С. Шабонов // Маводи конференсияи илмӣ назариявии профессорону омӯзгорони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «30 – юмин солагарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ». – Душанбе, 2024. – С. 170 – 177.

**[14-М].** Шабонов, Ш.С. Танзими ҳуқуқии роҳҳои автомобилгарди пулакӣ дар Тоҷикистон [Матн] / Ш.С. Шабонов // Маводи конференсияи илмӣ назариявӣ таҳти унвони «Паём – Роҳнамои зиндагии шоиста» Бобати шарҳу тавзеҳи нуктаҳои паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикстон. – Душанбе, 2024. – С. 106 – 110.

**[15-М].** Шабонов, Ш.С. Реҷаи ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.С. Шабонов // Маводҳои конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба «30-юмин солагарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2024. – С. 214-217.

**[16-М].** Шабонов, Ш.С. Ҷавобгарии молумулкии иштирокчиёни шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард. [Матн] / Ш.С. Шабонов // Конференсияи байналмиллалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масоили ҳуқуқии танзими зеҳни сунъӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва нақши он ба рушди соҳибкорӣ» дар ҳошияи қабули Қатъномаи маҷмааи умумии СММ нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ «аз 25 июли соли 2025 бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва эълони солҳои 2025-2030 «Солҳои Рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия». – Душанбе, 2025. – С. 231-239.

**[17-М].** Шабонов, Ш.С. Рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард [Матн] / Ш.С. Шабонов // Конференсияи илмӣ - амалии байналмиллалӣ дар мавзуи «Конститутсия - асоси низоми сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ – иқтисодии ҷумҳурӣ». – Душанбе, 2025. – С. 230-239.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ кори анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид:

Иштирок доштанд: 21 нафар, аз ҷумла, 3 нафар доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 9 нафар номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 2 нафар муаллими калон, 6 нафар ассистентон, 1 нафар лаборанти кафедра. Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор» – 21 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар. Суратмаҷлиси №_5_ аз 20-уми декабри соли 2025.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи
ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллииТоҷикистон Давлатмандзода Э.Д.

**Котиби ҷаласа:**
лаборанти кафедра Маҷидова Р.С.

Имзои Давлатмандзода Э.Д. ва Маҷидова Р.-ро
тасдиқ мекунам: Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.
«_20_» _11_ соли 2025

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj